# АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info06-@ahd.tj


**№ 04-2321 аз « 20 » декабри соли 2023**

**Ба №__________ аз «____» _______________ соли 20**

Мақомоти давлатӣ
(тибқи руйхат)

Мавзуъ: Дар бораи баррасии лоиҳаи фармоиши якҷояи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд»

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармоиши якҷояи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд» (дар таҳрири нав) таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур мувофиқи қисми 5 моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасӣ пешниҳод карда шуда, хоҳишмандем таклифу пешниҳодҳои худро дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоед.

Замима: Матни тоҷикии лоиҳаи фармоиши якҷояи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд» ва асосноккунии он дар 4 варақ.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Давлатов Ҷ.М.

Иҷрокунанда: Файзализод А.Ф.
Телефон: 224-47-36

Замима
ба мактуби Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «20» декабри соли 2023, №04-2321

**Рӯйхати**
**кӯтоҳи мақомоти давлатӣ**

| *Р/т* | *Номгӯйи мақомоти давлатӣ* | *Эзоҳ* |
|---|---|---|
| | **Мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ** | |
| | ***Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 1 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (дар қисми хизмати давлатии шаҳрвандӣ) | |
| | ***Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 2 | Вазорати адлия | |
| 3 | Вазорати маориф ва илм | |
| 4 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ | |
| 5 | Вазорати молия | |
| 6 | Вазорати рушди иқтисод ва савдо | |
| 7 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ | |
| | ***Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 8 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | |
| | ***Идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 9 | Кумитаи андоз | |
| 10 | Кумитаи забон ва истилоҳот | |
| 11 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | |
| | **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии** | |
| | **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | |
| 12 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ | |
| | **Вилояти Суғд** | |
| 13 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | |
| | **Вилояти Хатлон** | |
| 14 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | |
| | **Шаҳри Душанбе** | |
| 15 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | |

**Агентии хизмати давлатии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

ЛОИҲА

# ФАРМОИШИ
# ЯКҶОЯИ АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд

| | | |
|---|---|---|
| аз «___» __________ соли 2024 | № | шаҳри Душанбе |
| аз «___» __________ соли 2024 | № | шаҳри Душанбе |

Ҷиҳати иҷрои сархати бисту якуми қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мувофиқи банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо аз 13 майи соли 2022, №384), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 ва бандҳои 6 ва 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ карда шудаанд, Ф А Р М О Н  М Е Д И Ҳ Е М:

1.Номгӯйи бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд, тасдиқ карда шаванд (замима мегардад).

2.Аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худиидоракунии шаҳрак ва деҳот ҳангоми таъин (интихоб)-и хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб ва дар хизмати давлатӣ будани онҳо талаботи Номгӯйи бемориҳои мазкур дар ҳолати мавҷудияти бемории мушахасси пешбинишуда, ки бо хулосаи комиссияи тиббӣ-машваратчии муассисаҳои дахлдори тандурустӣ тасдиқ карда шудааст, ба инобат гирифта шавад.

3.Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, баъди бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4.Фармоиши якҷояи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 сентябри соли 2012, №117 ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2012, №476 «а» «Дар бораи тасдиқи Номгӯи бемориҳое, ки барои иҷрои ӯҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, №660 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

Директори Агентии хизмати давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Давлатов Ҷ.М.

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии
аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Абдуллозода Ҷ.А.

ЛОИҲА

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_____» _________ соли 2024, №_____
ба қайди давлатӣ гирифта шудааст

Замима
ба фармоиши якҷояи Агентии хизмати давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «___»
_________ соли 2024, №_____ ва Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «___» _________ соли 2024, №_____

Номгӯйи
бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд

| Р/т | Номгӯйи бемориҳо | Асоснокkунӣ | Рамзи беморӣ аз рӯйи ТББ-10 |
|---|---|---|---|
| 1 | Бемориҳои органикии майнаи сар бо ихтилолҳои рӯҳӣ | Гум кардани қобилияти корӣ, ноустувории эҳсосот. Доштани хавфу хатар ба худ ва атрофиён | F00-F09 |
| 2 | Ихтилолҳои рӯҳӣ дар заминаи истеъмоли маводҳои сахттаъсир | Гум кардани қобилияти корӣ, ноустувории эҳсосот. Доштани хавфу хатар ба худ ва атрофиён | F10-F19 |
| 3 | Маҷзубият, ихтилолҳои маҷзубиятмонанд ва хазён | Гум кардани қобилияти корӣ, ноустувории эҳсосот, надоштани дарки амалҳои худ. Доштани хавфу хатар ба худ ва атрофиён | F20-F29 |
| 4 | Ихтилолҳои кайфият (бо истиснои ҳолатҳои рӯҳафтодагии сабук ва миёна) | Гум кардани қобилияти корӣ, ноустувории эҳсосот ба монанди ғамбеморӣ ва ҳолатҳои бехудӣ. Доштани хавфу хатар ба худ ва атрофиён | F30-F39, бо истиснои F32.0-F32.1 |
| 5 | Ихтилолҳои обсессивӣ-компулсивӣ (барангезанда) | Гум кардани қобилияти корӣ, ноустувории эҳсосот вобаста ба фикрҳои музоҳими такроршаванда. Доштани хавфу хатар ба худ ва атрофиён | F42 |
| 6 | Ихтилолҳои диссотсиативӣ | Гум кардани қобилияти корӣ, вобаста ба вайроншавии хотира, пайдоиши хуруҷҳо ва ихтилолҳои ҳисиёт. Доштани хавфу хатар ба худ ва атрофиён | F44 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7 | Ихтилолҳои шахсият ва рафтор дар калонсолон | Гум кардани қобилияти корӣ, вобаста ба вайроншавии шахсият ва рафтор | F60-69 |
| 8 | Қафомонии ақлӣ | Надоштани қобилияти корӣ вобаста ба пастии фаҳмоиш ва дарку идрок. Доштани хавфу хатар ба худ ва атрофиён | F70-F79 |
| 9 | Бемории саръ (эпилепсия) бо дигаргуншавии шахсият ва сустақлӣ | Надоштани қобилияти корӣ вобаста ба хуруҷҳои ихтилоҷӣ, пастии фаҳмоиш ва дарку идрок. Доштани хавфу хатар ба худ ва атрофиён | G-40 |

Асосноккунии
лоиҳаи фармоиши якҷояи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд»

Лоиҳаи фармоиши якҷояи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯйи бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд» мувофиқи моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷиҳати иҷрои талаботи сархати бисту якуми қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ дар таҳрири нав таҳия карда шудааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур мушаххас намудани Номгӯйи бемориҳое, ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд, ки бо фармоиши якҷояи Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 сенябри соли 2012, №117 ва Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2012, №476 «А» тасдиқ карда шуда, аз 2 ноябри соли 2012, №660 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, мебошад.

Номгӯйи бемориҳо, ки ба иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатӣ монеа мегарданд, бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ дар машварат бо мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи тандурустӣ муаяйн карда шудаанд.

Номгӯйи бемориҳое, ки дар санади қаблӣ нишон дода шудааст, 24 гурӯҳи бемориҳоро дар бар мегирифт, бо истифодаи рамзҳои Таснифоти омории байналмилалии бемориҳои насли даҳум ба 9 номгӯйи бемориҳо иваз карда шудаанд.

Дар робита ба ин тибқи талаботи қисми 1 моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳа дар таҳрири нав пешниҳод карда мешавад.

Мувофиқи хулосаи арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ошкор карда нашудааст.

Татбиқи лоиҳаи мазкур маблағгузории иловагии буҷетиро талаб намекунад.

Лоиҳаи мазкур мувофиқи қисми 5 моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасии вазорату идораҳо пешниҳод карда мешавад

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон